# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзооевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ**

Масъалаҳои принсипи антропӣ, назарияи ноосфера, ғояи таҳавулотгароии глобалӣ ва моҳияти умумикайҳонӣ доштани таҳаввулоти ҳаёт яке аз хусусияти навини инкишофи фалсафа, илми муосир ва манзараи илмии оламро ташкил менамоянд. Универсалӣ будани идеяи таҳаввулоти глобалиро принсипҳои фанни нави синергетика низ тасдиқ менамоянд. Акнун ҷараёни таҳаввулоти глобалӣ ҳамчун низоми худташкилшаванда, ки дигаргуниҳои кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ, биологӣ антропологӣ, экологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайраро дарбар гирифтааст, яке аз асосҳои бунёдии илми муосир ба шумор меравад. Он аз рӯйи моҳияташ мақоми умумиилмӣ дошта, барои омӯзиши манзараи илмии олам, стратегияҳои маърифатии илм ва инкишофи фалсафаи илм мусоидат хоҳад кард.

Мувофиқи маълумоти илми муосир Кайҳон низоми томи худинкишофёбанда буда, материя дар ҳама дараҷаҳои ташкили худ дар таҳаввулоти доимӣ қарор дорад. Ҳамзамон дар Кайҳон принсипи антропӣ амал менамояд, ки тибқи он ҷисмҳои дар Галактика буда аз ҷиҳати сохти таркибиашон бо ҳамдигар монанд мебошанд. Чунин монандии сохтори таркибии онҳо имконият медиҳад, ки дар яке аз қисмати Кайҳони беинтиҳо ҳаёт ва одам пайдо шавад. Вобаста ба ин принсипи антропӣ имрӯз дар маркази баҳсу мунозираи файласуфон, табиатшиносон ва намояндагони фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ қарор дорад. Принсипи мазкур масъалаи инсонро, ки мавзуи марказии кулли илмҳо мебошад, аз нав ва бо нигоҳи тоза баррасӣ менамояд.

Аз ин хотир, интихоби чунин мавзуъ барои пажӯҳиш барои як қатор илмҳо ва ташаккули манзараи нави илмии олам, дар ин замина ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии нави илмӣ мусоидат хоҳад кард.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ мутобиқат менамояд, зеро таҳқиқи ҳамбастагии принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ ҳатман ба зарурати коркарди назарияи нави ноосфера оварда мерасонад, ки яке аз масъалаҳои нав ва аҳамиятноки фалсафаи иҷтимоӣ мебошад. Имрӯз, инсон ва инсоният дар иҳотаи хатарноки мушкилоти глобалии замони муосир қарор дорад ва мехоҳад ҳамбастагӣ ва ягонагии худро бо табиат ва Кайҳони бузург аз мавқеи хирад ба таври воқеӣ муайян

намояд. Ба суханони дигар, имрӯз зарурати гузариши тамаддуни муосири инсонӣ дар ягонагӣ бо биосфера ба зинаи нави таҳаввулот – ноосфера бавуҷуд омадааст. Дар ин замина, кор карда баромадани илми нави ноогеника (таълимот дар бораи ноогенез), ки муҳаққиқон принсипи марказии онро хираднокӣ номидаанд, аҳамиятнок гардидааст, ки ин нуқтаро муаллиф одилона қайд кардааст. Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 164 саҳифаро ташкил медиҳад.

Муаллиф дар рисола норавшаниро, пеш аз ҳама, дар фаҳмиши истилоҳоти «принисппи антропӣ», «таҳаввулот», «глобалӣ», «универсалӣ», «таҳаввулотгароӣ», «таҳаввулотгароии глобалӣ», «таҳаввулотгароии универсалӣ» қайд намудааст. Муҳиммияти омӯзиши масъаларо низ ба чунин вазъият дар такя бо таҳлили андешаҳои олимони маъруфи соҳа асоснок карда, ба ҳамбастагии мафҳуми таҳаввулотгароии глобалӣ бо мафҳумҳои бенизомӣ, бемувозинатӣ, худташкилёбӣ ва синергетика ишора намудааст. Оқилона қайд кардааст, ки назарияи низомҳои диссипативӣ (парешоншаванда, бемувозинатӣ) ва синергетика барои тавсиф ва шарҳи паҳлӯҳои таҳаввулотгароии глобалӣ аҳамияти бориз доранд. Ҳамчунин назарияи мазкур имконияти пешгӯйӣ намудани ҳодисаҳоеро дорад, ки баъди фосилаҳои тӯлонии вақт дар давраҳои охири мавҷудияти Олами мо ба амал меояд. Инчунин алоқамандии мафҳумҳои «тамоми ҳастӣ», Метагалактика ва Универсумро шарҳ дода, қайд менамоянд, ки агар муддати зиёди асри XX «тамоми ҳастӣ» бо Метагалактикаи мо шабоҳат ва монанд карда мешуд, дар кайҳоншиносии муосир бошад, оиди Мултиверс (маҷмуи хурдоламҳо) сухан меравад, ки Метагалактикаи мо ба сифати яке аз қисматҳои хурди он ҳисоб мешавад.

Инчунин маҳаки асосии рисоларо принсипи антропӣ дар низоми донишҳои фалсафӣ, дастовардҳои табиатшиносии муосир ва мушаххас кардани мазмуни он, ошкор намудани робитаи принсипи антропӣ бо ғояи таҳаввулоти глобалӣ ташкил додааст.

Принсипи антропӣ, ки ҳамчун яке аз самти нави илмӣ пас аз давраи ғайрианъанавӣ баромад мекунад, баҳси зиёдеро ба миён овардааст. Дар адабиёти илмӣ ҷараёни паҳншавии иттилоот оид ба принсипи мазкур то ҳол кам намешавад, оид ба бисёре аз ҷанбаҳо ва хусусиятҳои он баҳсу мунозираҳо идома доранд.

Муаллифи рисола пешравии босифат дар коркарди принсипи антропиро аз мавқеи кайҳоншиносӣ ва астрофизикаи муосир нишон додааст. Таҳқиқоти ӯ дар воқеъ «азнавкушоӣ»-и принсипи антропиро дар доираи мавқеи илми ғайрианъанавӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин, ба

андешаи ӯ онро ба қатори принсипҳои калидие, ки дар вақти шарҳ додани таҳаввулоти Коинот, ҳаёт, ҷамъият ва инсон истифода мешаванд, ҷойгир намудан аз манфиат холӣ нест.

Принсипи антропӣ дар таносуб бо таҳаввулоти глобалӣ нишон медиҳад, ки Коинот дар таҳаввулоти худ як қатор давраҳоро гузарондааст: якум – ин оғози пайдоиши физикаи микроҷаҳон (ҷаҳони хурд) ва макроҷаҳон (ҷаҳони калон) мебошад; дуюм – пайдоиши шакли химиявии ҳаракати материя мебошад, ки ба пайдоиши сафедаҳо ва аминокислотаҳо оварда расондааст; сеюм – ин пайдоиши ҳуҷайра ва организмҳои бисёрҳуҷайрадор ташкил додааст; чорум – ин пайдоиш ва таҳаввулоти одам ва низоми ҷамъиятро дар бар гирифтааст. Дар ин радиф, фарзияе вуҷуд дорад, ки тағйироти бунёдии Кайҳон дар зинаи муайяни таҳаввулоти худ барои пайдоиши ҳаёт ва баъдан одам ҳамчун субъекти маърифат шароити зарурӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар ҳолати каме тағйир ёфтани бузургиҳои бунёдии пайдоиши Коинот аз ҳолати воқеӣ ва дигаргун гаштани он, барои пайдоиши ҳаёт ва одам шароити зарурӣ муҳайё намегардад.

Дар ин замина, муаллиф  аввалин шуда саволҳои: Барои чӣ дунё тавре сохта шудааст, ки дар он пайдоиш ва мавҷудияти инсон имконпазир аст? Чӣ тавр инсон ва олам, макрокайҳон ва микрокайҳон таносуб доранд, то чӣ андоза онҳо ҳамандозаанд? Пайдоиши ҳаёт ва одам моҳияти кайҳонӣ дорад, ё танҳо ба сайёраи замин хос аст? ва ғайраро дар рисола матраҳ намудааст. Ҳамзамон, тавре аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, диссертант таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуро матраҳ намуда, бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ноил гардида, ба натиҷаҳои муайяни илмӣ даст ёфтааст, ки саҳми шахсии муаллифро ифода менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4-тои он, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ-назариявӣ доштани таҳқиқоти мазкур, дар рисола камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой дошта, баъзан мафҳумҳо ва истилоҳот шарҳи бештарро талаб менамоянд, ҳаҷми рисола ва фаслҳои он низ бояд пурратар карда шаванд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи

илмии Зайналов Қ.М., ки дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он Зайналов Қ.М. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ибодов М.О.

“Имзои д.и.ф., профессор Ибодов М.О.-ро
тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
тел.: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26,
факс: (33-22) 2-35-06,
E-mail: info@kgu.tj